Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Суғурта яке аз ниҳодҳои муҳими молияи кишвар ба шумор меравад. Вай на танҳо субот ва самаранокии фаъолияти хоҷагидориро таъмин мекунад, балки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ, низ дорад. Таъмини рушди соҳаи суғурта ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро иқтисодиёти кишвар бо назардошти қариб ҳамаи навъҳои фаъолият дар дараҷаи баланди хавф нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароити воқеии ҷумҳурии мо, ки дар он низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори муносибатҳои бозорӣ дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтаанд, ҳалли масъалаҳои эмин доштани ҳаёт ва алалхусус моликияти давлатӣ аз таҳдиди хавфу хатар яке аз масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад, ва маҳз таъмини рушди соҳибкории суғуртавӣ яке аз пояҳои асосии соҳибкорӣ дар ин замина арзёбӣ мегардад.

Муаллиф талаботу манфиати суғурта ва моҳияти иқтисодии суғуртаро бо назардошти шаклҳои имконпазири институтсионалии татбиқи он, мафҳуми «суғурта» - ро ҳамчун объекти соҳаи соҳибкорӣ пешниҳод намудааст. Соҳибкории суғуртавӣ - ин шакли махсус, як навъ соҳибкории молиявию қарзӣ мебошад, ки асоси онро фаъолият оид ба кафолати суғуртаи ҷубронҳои зарари эҳтимолии амвол, ашёи қиматбаҳо ва ҳаёт дар натиҷаи ҳодисаи ғайричашмдошт ташкил медиҳад. Инчунин гуфтан ба маврид мебошад, ки пешниҳоди муаллиф имкон дорад, ҳангоми омода намудани маркази омӯзиши бизнеси суғурта, барнома ва дастурҳои таълимию методӣ барои омодасозии мутахассисон дар бахшҳои идоракунии давлатӣ, фаъолияти суғурта, хизматрасонӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон ва мутахассисони соҳаи суғурта истифода шаванд.

Соҳибкории суғуртавӣ, пеш аз ҳама фаъолияти бозорие мебошад, ки ба таҳия ва фурӯши маҳсулоти суғурта ва хизматрасониҳои суғурта алоқаманд буда метавонад ва даромад оварда, мавқеи мусбати ташкилотҳои

суғуртавиро дар бозори суғурта баланд созад. Дар автореферат хусусиятҳои суғуртавӣ тасниф дода шуда, онҳоро ҳамчун як намуди мол, ки зери амалиётҳои мубодилот қарор мегираду табиату тарҳи фаъолияти соҳибкории суғуртавиро муайян менамояд, баррасӣ шудааст.

Муаллиф таъкид намудааст, ки дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ муваффақияти соҳибкории суғуртавӣ аз ҳолати менеҷменти суғуртавӣ вобаста аст. Мафҳуми «менеҷменти суғуртавӣ» дар якчанд андозагириҳо ифода мешавад, ки тавсифи ҷанбаҳои асосии идоракунии ташкилоти суғуртавӣ, хусусиятҳои объектҳои идоракунӣ, низоми нишондиҳандаҳо барои таҳлили ҷанбаҳои идоракунӣ дар шакли ҷадвал оварда шудааст.

Дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳои навгонии диссертатсия инъикос карда шудааст. Муаллиф дар автореферати диссертатсия тавонистааст самтҳои рушди соҳибкории суғуртавӣ, асосии таъмини ва бехатарии фаъолияти субектҳои фаъолияткунандаро муайян карда, онро асоснок намояд, бахусус дар мавриди ҳамкориҳои мутақобилаи тарафҳо аҳамияти хосса додааст.

Аз автореферати диссертатсия чунин бармеояд, ки мақсади гузошташуда ба даст омада, вазифаҳои муайянгардидаи кори диссертатсионӣ ҳалли худро ёфтаанд, автореферат бо забони оммафаҳми илмӣ навишта шуда, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявӣ - амалии муаллиф бо расму ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳо ҳисоб кардашуда, асоснок карда шудаанд. Мукаммал ифода ёфтани навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таркиб ва моҳияти онҳо дар автореферат ба таври кофӣ кушода шудаанд, диққати махсусро сазовор аст.

Нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, дар худ ифодаи нави донишҳои илмии ин соҳаро инъикос намуда, чи гунае, ки аз автореферат бармеояд, дар раванд ва натиҷагирии таҳқиқот асоснок гардидаанд ва исботи худро ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид мебошад, ки дар автореферати диссертатсия бо таваҷҷуҳ нисбат ба талаботҳои мавҷуда, муҳимтарин нуқтаҳо илман асоснок карда шудаанд, ва хусусияти илмию амалӣ доранд. Муаллиф бо дарки баланди мафҳум ва муҳтавои мавзуи таҳқиқот унсурҳои таҳқиқотро мушаххас пешниҳод карда, кушишҳо ҷиҳати расидан ба натиҷаи иҷроиши онҳо, ва имкони ба даст овардани навгониҳои асарбахши илмию амалӣ дар автореферат бо тартиби муайян нишон дода шудаанд.

Ҳаминро қайд намудан ҷоиз мебошад, ки дар автореферат баъзе аз камбудиҳои ҷузъи низ мушоҳида мешаванд:

1. Дар автореферати диссертатсия оид ба истифодаи маделҳои маъмул вобаста ба бартараф намудани хавфҳои эҳтимолӣ бо истифодаи баҳодиҳии рейтингии инноватсионӣ нишон дода нашудааст. Беҳтар мегардид, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда доир ба ин масъала аҳамияти хосса дода мешуд;

2. Муаллиф таъкид намудааст, ки дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ муваффақияти соҳибкории суғуртавӣ аз ҳолати менеҷменти суғуртавӣ вобаста аст. Хубтар мешуд, ки менеҷменти суғуртавиро дар намуди модели консептуалӣ нишон медод ба манфиати кор мегардид;

3. Дар ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои дар боло қайд гардида, моҳияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунад.

Дар умум автореферати диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия ” пурра кори илмии ба анҷом расида, ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ – назариявӣ ва амалӣ анҷом ёфтааст, ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Академики Академияи миллии илмҳои**
**Тоҷикистон** **Назаров Т.Н.**

*Имзои д.и.и, профессор, Академик Назаров Талбак Назарович - ро тасдиқ менамоям:*

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Муродова М.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Рудакӣ, 33
тел.: (992 37) 221 - 50 - 83; 221 - 49 - 11